95316 - Ҳукми кор кардан дар Бонки "Ар-Роҷиҳӣ"

савол

Ҳукми кор кардан дар Бонки исломии "Ар-Роҷиҳӣ" чист?

Ҷавоби муфассал

Кор кардан дар ҳар бонки исломие, ки муомилоти он мутобиқи талаботи Шариъат ба роҳ монда шудааст, ҷоиз аст.

Аз доктор Муҳаммад ибни Саъуд ал-Усаймӣ (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) пурсиданд: Дар кадом бонкҳо кор кардан ҷоиз аст?

Ӯ дар посух гуфт:
Дар бонки исломие, ки тибқи қоидаҳои муайяннамудаи ҳайати шаръӣ фаъолият мекунад, кор кардан ҷоиз аст, ба монанди Бонки “Ар-Роҷиҳӣ” ва Бонки “Ал-Билод”.
Барои корманд фаъолият кардан дар чунин бонк ҷоиз аст, ҳатто агар кори ӯ бо он назаре, ки худаш онро дуруст мешуморад, мухолифат дошта бошад, ба шарте ки ин навъи фаъолият аз ҷониби ҳайати шаръии бонк иҷозат дода шуда бошад.

Ҳамчунин, кор кардан дар бонкҳое, ки ба табдил ёфтан ба бонки исломӣ иқдом кардаанд, монанди "Ал-Ҷазира" ва "Ал-Аҳлӣ" ҷоиз мебошад, ба шарти риоя намудани қарорҳои ҳайати шаръии бонк.

Аммо кор кардан дар бонки рибавӣ ҷоиз нест, ҳатто агар вазифаи корманд дар бахше бошад, ки аз нигоҳи шаръӣ мубоҳ аст.
Аллоҳ донотар аст.

Ҳамчунин аз ӯ пурсиданд:
Ба ман пешниҳод шудааст, ки дар Бонки “Ар-Роҷиҳӣ” дар бахши технологияҳои иттилоотӣ ба ҳайси мутахассиси техникӣ ва маъмурӣ фаъолият кунам. Оё ба назари шумо,

фаъолият кардан дар Бонки “Ар-Роҷиҳӣ” дар чунин вазифа ягон шубҳаи шаръӣ дорад?
Ӯ дар посух гуфт:
Дар ин кор ҳеҷ ишколе нест. Бар шумо лозим аст, ки қарорҳои ҳайати шаръиро мутолиа намуда, худ ва атрофиёнатонро бо онҳо ошно созед ва ба ин қарорҳо пойбанд бошед. Аллоҳ шуморо муваффақ гардонад. Поёни сухан.

Ин суханон аз сомонаи ӯ — "Ар-Рибҳу-л-ҳалол" нақл шудааст.

Аллоҳ донотар аст.